Муаллиф: Ибодуллохи Окилпур
06.02.2012 11:27



Баргирифта аз нашрияи “Миллат”

**Дар миёни хоку хун медидӣ саре…**

***Аз “Точикам”: Имрӯз Афгонистон, ба вижа, точикони ин кишвар давраи мушкил ва сарнавиштсозеро аз сар мегузаронанд . Мардуми точик ва гайрипаштун барои аз султаи хукумати кавмгарои Карзай, ки аз мардуми бумии ин сарзамин дида, бештар ба Толибони одамкуш такя мекунанд, озод гардидан ва бунёди низоми федерол ва идораи парлумонӣ дар мубориза хастанд.Мо барои ба хонандагон ошно кардани чехрахои дурахшони кавми точик дар ин сарзамини бостонии Хуросон аз як сӯ ва аз сӯи дигар барои нишон додани башараи хакикии кабилагароёни форсиситез, ки дусад сол ба ин тараф алайхи фарханг, забон ва мардуми бостонӣ ва бумии ин сарзамин сиёсати фошистиро идома медиханд, ин матлабро, ки дар сӯги абармарди точик, устоди зиндаёд Бурхониддини Раббонӣ иншо шуда буд, бароятон пешкаш мекунем.***

Шаходати Бурхонуддин Раббонӣ чахони тираву торикро бо хама тирагихояш бори дигар такон дод. Ӯ медонист, ки рӯзе ин чахонро бо хама касодхояш тарк мекунад ва дар мукобили чангчӯёну чангхохон бо сари баланд ва синасипар истода буд, аммо шояд хеч гохе чунин ночавонмардиро хатто аз душманони буздилаш хам интизор надошт, ки дар либоси "дӯст" касд ба чони азизаш хоханд кард. Ӯ тӯли 50 соли умри худро дар мубориза ба хотири истиклолу озодии Афгонистон бахшид. Хатто лахзаеро барои худ, ки бояд ба хушнудӣ пардозад, ихтисос надод.

Медонист, ки хар лахзаи фориг шуданаш аз сиёсату давлатдорӣ ишколотеро ба сари миллаташ ба бор меоварад. Ба хусус аз он бим дошт, ки накунад рӯзе гурӯхе аз кӯчиёну биёбонгардон сари кудрат биёянду он хама гановату фархангу торихи мутамодии ин кишвари вокеан афсонавиву шаркиро аз байн бибаранд. Ин пешбинии пайгамбарона буд ва толибони тундраву душмани ислом бо хама чахолату зулмот мисли мӯру малах ба хоки Афгонистон рехтанд ва хар чизеро чӣ аз наботот ва чӣ аз чинси чондор фурӯ бурданду вахшиёна ба катл расонданд. Танхо ӯ буд, ки зидди ин хама вахшоният мушт боло кард ва то лахзаи пирӯзӣ бо онхо размид. Хадафи ин гурӯхи бо ном "мусулмон" аз байн бурдани фархангу дастовардхои мардуми шимоли Афгонистон буд. Ин чо масъалаи маргу зиндагӣ дар миён буд.

**Як асри генотсиди точикон дар Афгонистон**

Таърихи талхи мардуми точикро дар Афгонистон таърихнависони тамоми дунё, аз чумла донандагони хуби таърихи Афгонистон хеле мохирона ва барозандаву нозук баён намудаанд. Дар хама чо мебинем, ки сипахсолорон, рахбарону уламои точикзабонро ба як вахшонияте катл ва аз байн бурдаанд. Ва имрӯз ин амали зишт бар алайхи точикон шиддат гирифта, куштори пешвоёни он идома дорад. Хатто бар алайхи шохон аз табааи точик, ки дар таърихи Афгонистон хамагӣ ду нафар буданд; яке Амир Хабибуллохи Калаконӣ, маъруф ба Бачаи Сако ва дигаре Устоди равоншод Бурхонуддини Раббонӣ ин

разолатро раво диданд ва хар дуро бо як вахшонияте, ки акли одамӣ онро дар зехни худ чо намедихад, ба катл расондаанд.

Куштори пешвоёни точик дар тамоми давру замон дар Афгонистон сабабхоеро доро буд, ки хама бар пояхои кавмигариву нажодӣ бунёд ёфта буданд. Кӯчихои Афгонистон, ки хамагӣ аз кавму кабоили паштун иборат аст, тахаммули онро надоранд, ки ба сари кудрат миллате чуз паштун биншинад. Торих инро собит сохта ва мо мекӯшем намунаеро аз ин амали нажодпарастона ба хонандагон ёдовар шавем.

**Омадан ва рафтани Бачаи Сако**

Барои нахустин бор Хабибуллохи Калаконӣ машхур ба Бачаи Сако, соли таваллудаш 1890, вафоташ 13 октябри
соли 1929 ба кудрат расид ва камтар аз як сол салтанат кард.

Хабибуллох дар давраи Амонуллохон вориди артиши Афгонистон шуд ва дар чанги севвуми афгону англис, ки ба истиклоли Афгонистон анчомид, ширкат дошт.

Ӯ дар чараёни чанги Мангал (мавзеъе аз аквоми паштуннишин аст, ки дар чануби Афгонистон карор дорад) , ки дар он шуморе аз ахолии чануби Афгонистон алайхи шох Амонуллохон ба мухолифат бархоста буданд, тахти таъсири мухолифони давлати Амонуллохон карор гирифт, ки шохро кофару мунхариф аз дини ислом медонистанд.

Хабибуллохи Калаконӣ аз мубориза бар зидди режими Амонуллохон даст накашид ва гурӯххоеро аз мардони шӯчоъу далер гирди худ басич сохт ва хамоно алайхи шох мубориза мебурд. Баъд аз муддате ӯ дар манотики Кописо, Парвон - дар самти шимоли Кобул махбуб шуд. Шох Амонуллохон дастур ба боздошти ӯ дод ва Хабибуллох ба Покистон фирор кард.

Дар китоби "Афгонистон дар масири таърих" фирори Хабибуллохро аз кавли худи ӯ чунин шарх медихад. "Ман аз тарси Амонуллохон бо писарони момои худ Сикандару Самандар ба Пешовар рафтам…, то мавкеи мусоид фаро расид ва дубора ба Афгонистон баргаштам".

Хабибуллох ба Афгонистон бозгашт ва амалиёти худро ба касди сарнагунии шох Амонуллохон густариш дод ва зиёд тӯл накашид, ки чангчӯёни часури Хабибулло ба наздики Кобул, пойтахт расиданд ва баъд аз муддате чангу даргирӣ саранчом сипохи чанд хазорнафарии Хабибуллохи Калаконӣ дар соли 1307 хуршедӣ баробар ба соли 1928 мелодӣ Кобулро тасарруф карданд. Шох Амонуллохон, ки муковиматро бефоида дид, дар хамон рӯз ба суди бародари бузургтари худ Иноятуллохон аз кудрат канора гирифт ва ба Кандахор рафт. Се рӯз баъд Иноятуллохон бо подармиёнии Мухаммадсодики Мучаддадӣ Кобулро тарк кард ва Хабибуллохи Калаконӣ вориди Арки Кобул шуд ва худро "Амири гозӣ Хабибуллох ходими дини Расулуллох" номид ва бар

тахти подшохӣ нишаст.

**Паштунгарой ва хукуматхои кутохумри точикон**

Дар ибтидои хукумати Хабибулло касе ба риштаи кавмии ӯ таваччӯх накарда буд ва бештар сарони кабоили пашту ба исми мубориза бо подшохи кофир Амонуллохон бо Хабибуллохи точик табори хамкорӣ карда буданд. Вале, вакте ки паштунхои дурронӣ мутаваччех шуданд, ки як точики форсзабон дар раъси кудрат карор гирифтааст, барои онхо сахт ногувор омад, ки як гайрипаштун дар Афгонистон ба кудрат расидааст.

Мухаммадсодики Фарханг таърихнависи машхури Афгонистон дар китоби "Афгонистон дар панч карни ахир" навиштааст: "Пас аз хорич шудани шохи собик Амонуллохон аз кишвар, масъалаи кавмӣ дар сафи аввали мавзӯъот мавриди ихтилол карор гирифт ва паштунхо бо эхсоси ин ки подшохӣ аз дасташон хорич шуда ва ба зуъми баъзе аз онон ба шахсе аз кавми дарачаи пойинтар точик тааллук гирифта, дар баробари давлати чадид мавзеъ гирифтанд".

Махз хамин омил буд, ки хукумати Хабибуллои точик беш аз чанд мох давом накард ва Мухаммад Нодирхон, ки сафири Афгонистон дар Порис буд ва пештар яке аз фармондехони шохи собик Амонуллохон буд, ба Афгонистон баргашт. Рӯхониён ва

сарони кабоили паштун химояти худро аз Нодирхон ва омодагии худро барои сарнагун кардани салтанати Хабибуллох эълом карданд. Мухаммад Нодирхон бо тачдиди сипох ва баъд аз чанд чанги хунин саранчом дар мохи октябри соли 1929 бар Кобул мусаллат шуд.

**Катлу горати толибонӣ аз замони Нодирхон то имрӯз**

Мухаммадсодики Фарханг дар китоби "Афгонистон дар панч карни ахир" дар мавриди фатхи Кобул аз сӯи сипохи Нодирхон, ки аз паштухо иборат буданд, ба махзи вуруд ба Кобул ба горати амволи дигар аквом пардохтанд (мисли толибон, ки вориди Кобул шуда ба горат шурӯъ карда буданд - И.О.) ва ин ходиса дар зехни бошандагони шахри Кобул, ки чанд мох пеш назму наски лашкари Саковиро дар хангоми вуруд ба Кобул бо худдории эшон аз тачовуз ба дороии мардум ба чашми худ мушохида карда буданд, интибохи хубе дар бораи дастгохи чадид ба чо нагзошт".

Хабибуллохи Калаконӣ, ки дар Арки Чабал-ус-сироч (дар наздикии Кобул чойгир аст) панох гирифта буд, бо подармиёнии Шамсулхаки Мучаддадӣ мавриди афви Нодирхон карор гирифт ва Нодиршох ба таъахуде, ки дар хошияи Куръон навишт, кавл дод, ки осебе ба Хабибуллох ва ёронаш нарасонад.

Хабибуллохи точик ва 17 нафар аз ёронаш дар 15 уми мохи ноябри соли 1929 ба сипохиёни Нодиршох таслим шуданд, вале Нодиршох ба кавли худ вафо накард ва

онхоро ба мардони кабоили чануб-паштунхо, ки ба тозагӣ Кобулро фатх карда буданд, супурд.

Лашкариёни пирӯзи Нодирхон Хабибуллох ва ёронашро пас аз шиканча бо гулӯла куштанд ва часадхои онхоро барои чанд рӯз дар чамани (ин макон дар пахлӯи теппаи шухадо, ки имрӯз онро микрораюни кӯхна мегӯянд, карор дорад) Кобул ба дор овехтанд.

Таърихнависони дохилӣ ва хоричӣ мӯътакиданд, ки катли Хабибуллохи Калаконӣ ва хамрохони ӯ ба ин шакл иштибохи бузурги Нодиршох буд. Зеро на танхо ӯро дар байни омма ба сифати як шахси паймоншикан ва хатто савгандшикан муаррафӣ кард, балки бо додани хакки мучозоти афроди як кавм бар кавми дигар хайсияти давлатро дар чашму дидгохи умум таназзул дод ва тухми нифоку бадбиниро дар байни афроди Афгонистон кишт намуд.

Марги Хабибуллох Бачаи сако ба маънои поёни нахзати саковӣ набуд. Дар солхои 1930-1931 кӯхдоманихо шӯриш карданд, ки бо берахмӣ аз тарафи Нодиршох саркӯб шуданд. Аммо, ин икдомот натавонист хотираи Бачаи Сакоро аз миён бибарад. Ӯ ханӯз ба номи "Шерри кӯхсор" дар байни мардуми кӯхистон зинда аст.

Дар тӯли мусофиратхои зиёде, ки дар ин кишвар доштем, медидем, ки чӣ гуна як кавме бар кавми дигаре тасаллут пайдо кардаву дуввумиро ба сони инсон намешумурад. Аслан

густохона рафтор намудани кабоили паштун имкон додааст, ки ин кавм беш аз 200 сол худро молики комилхукуки ин кишвар бидонад. Аммо, точикхо дар хар давру замон бо намоиш додани фархангу тамаддуни воло дар мукобили як кавми аз фархангу ирфон дуру ноошно хама чизашонро аз даст додаанд. Вакте инсон зиёд фархангӣ шуд, дар мукобили густохии кавме кӯчӣ ва вахшонияте, ки содир мегардад, хатман инони ихтиёрро аз даст медихад ва часуриву далериашро тарсу вахм иваз менамояд.

**Фашизм: Террори точикон**

Бо омадани Бурхонуддини Раббонӣ ба сари кудрат хамин аквоми чануб, ки хамагӣ паштунзабонанд, бо толибони тундрави душмани ислому тамаддуни башарӣ ба хотири аз салтанат пойин овар
дани як точик бо хам иттиход
ва паймони дӯстӣ бастанд. Чахон шохид шуд, ки хадафи толибон бо дастгирии аквоми пашту билкул аз байн бурдану нест кардани точикон буд. Танхо сипахсолоре чун Ахмадшохи Масъудро Худованд рисолат дод, то аз миллату ватанаш хифозат намояд ва чунин як ахдофи шуму вахшиёнаро шикаст бидихад.

Имрӯз дигар вакти бо чохил аз адабу фарханг сухан гуфтан нест. Таърих гувох аст, ки дар тамоми давру замон
фархангиён ба шикаст мувоччех гаштаанд ва ин хама дар
дилу дидаи онхо тарсу харосро
ба вучуд овардааст. Вакте толибон
иддаъо доштанд, ки Афгонистон барои афгонхост, (онхо паштунхоро дар назар доштанд), пас чаро точикон намегӯянд, ки Афгонистон ин як исми сохта аст (ин мавзӯест доманадор ва бахси дигареро такозо менамояд) ва ин ватани бобоиву ачдодии форсзабонхост. Инро касе такзиб карда наметавонад. Умуман истилох ва забони паштун хам маснӯъист ва як бахси дигареро талаб менамояд. Пас чаро то имрӯз як кавм хамеша

болои кавми дигаре кудрат дошта бошад? Дар холе, ки ин кавм собит сохтааст, ки на ба Куръон итминон дораду на ба ахду паймону вафодорӣ. Хамин "ахду паймонхо" буд, ки Ахмадшохи Масъуд, генерал Мухамад Довуд ва мавлавӣ Бурхонуддини Раббонӣ дар чанд соли ахир паи хам курбони вахшонияти гурӯхе аз хамин аквом карор гирифтанд.

**Дигар насихатгар намонд**

Катли Устод Раббониро солхо гиря хохам кард. Ин бузургмард бо хамон дили бузурге ва тафаккуру тааккули солиме, ки дошт, тамоми хушу ёдаш ба сӯи точикону Точикистон буд. Ва чанде пеш насихатхоеро аз ӯ дар сафхахои рӯзномаи "Миллат" хонда будам, ки ханӯз хам суханонаш дар гӯшам садо медихад. Ӯ аз мардуми точик даъват мекард, ки ба тавтеъаи душманон фирефта нашаванд. Махз Ӯ сабаб шуд ва мо дубора ба хам омадему дар фазои ором ба сар мебарем.

Ту барои мо хамеша زиндаӣ ва акси зебоятро бо хамон чехраи нурониат дар пахлӯи Ахмадшохи Масъуд чо додаам ва хар субх бо умеди рӯзи нек ба сӯятон менигараму худро рохат эхсос менамоям, мисли ин ки нирӯе осмонӣ вучудамро таквият дода бошад.